**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон**
**д.и.т., дотсент**
**____________Назарзода Х. Х.**
**«_30_» ___03_______ соли 2023**

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба дисертатсияи Дембегиев Мисрали Сафармадович дар мавзӯи “Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Дембегиев Мисрали Сафармадович дар мавзӯи “Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: б. 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ. 10.10. Навовариҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ. 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хадамоти бонкӣ ва амалиёт. 10.19. Методология ва механизми ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ. 10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, методҳои татбиқ.

**2. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.**

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ зарурати таҷдид ва азнавсозии тамоми самтҳои муҳимми иқтисодиёт, аз ҷумла бозори хизматрасониҳои бонкиро ба миён овард. Вобаста ба ин, дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар

ба ҳам пайвастани равандҳо ва ҷараёнҳои муносибатҳои бозорӣ, васеъ паҳн шудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар иқтисодиёт, ки боиси рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат мегардад, торафт аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон яке аз унсурҳои асосии низоми иқтисодиёти муосир рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи ҳамоҳангсозии он ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад. Пайваста зиёд шудани талабот ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ва дар баробари он, зарурати кам кардани сатҳи хавфҳои амалиётӣ ва коҳиш додани шумораи амалиёти хатарнок ислоҳоти ҷиддиро тақозо менамояд. Дар бозори хизматрасонии бонкӣ тағйироти сохторӣ ва гурӯҳбандии марҳалаҳои рушди он бо дарназардошти сатҳи талаботи ҷомеа арзёбии ҷиддиро тақозо намуда, роҳҳои имконпазири рушди мутақобиларо бо иқтисодиёт тақозо менамояд.

Солҳои охир вобаста ба мушкилоти мавҷудаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар самти амалиёт тавассути кортҳои пардохтӣ, хизматрасониҳои муосири бонкӣ, амалиёти қарзӣ ва монанди инҳо зарурати таҳқиқоти бештарро ба миён овардааст, ки масъалаи мазкурро дар қисматҳои назариявии боби якум ва қисматҳои амалии боби дуюм оварда шудааст. (саҳ 4, 14,58).

Ҳамчунин қайд гардидааст, ки дар шароити имрӯза зарур аст, ки ҷиҳати такмил ва баланд бардоштани фарогирии молиявии аҳолӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мафҳумҳои наве, ки механизми фаъолияти соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодиро инъикос менамоянд, истифода шаванд. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар замони истиқлолият фарогир ва таъсиррасон ба тамоми ҷомеаи имрӯза мебошад. Вобаста ба талаботи ҷомеа расонидани хизматрасониҳои босифати бонкӣ ба субъектҳои гуногуни иқтисодӣ дар шароити мавҷудияти рақобати комил тавассути институтҳои бонкӣ ҳамчун заминаи инфраструктураи истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасонии бонкӣ барои эҳтиёҷоти корхонаҳои истеҳсолӣ яке аз шартҳои асосии рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ мебошад, ки ин масъала ҳадафи

асоси таҳқиқоти унвонҷӯро ташкил медиҳад. (саҳ 108). Ҳамчунин, баланд бардоштани дараҷа ва сифати зиндагонии аҳолӣ бо фарогирии молиявию хизматрасонии корхонаҳои бонкӣ алоқамандӣ дошта, ҷустуҷӯи механизмҳои нави ҳавасмандгардонии ҷалби мизоҷон яке аз муқаррароти асосии ислоҳоти сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ аст. Аз ин рӯ, таҳияи равишҳои бозори хизматрасониҳои бонкӣ, муайян кардани механизми фаъолият ва баҳодиҳии самаранокии иҷтимоию иқтисодии бозори хизматрасониҳои бонкӣ мубрам ва зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Интихоби мавзӯъ ва ҳадафи тадқиқоти рисолаи илмӣ ба зарурати таҳияи равишҳои бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар раванди татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ асос меёбад, ки ин масъаларо унвонҷӯ дар сатҳи зарурӣ ва лозима мавриди таҳқиқ қарор додааст. (Саҳ 5)

Таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳити васеи иҷтимоию иқтисодиро дар шароити муосир дар бар гирифта, ба як қатор барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ ҳамбастагии зиёд дорад (саҳ 6). Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои асосии таҳқиқотҳои бунёдию амалӣ, аз ҷумла самтҳои меъёрҳо ва талаботи ҳукумати электронӣ, тақвияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, рушди инфрасохтори низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон, рушди инфрасохтори бозори кортҳои пардохтии бонкӣ, рушди маблағҳои электронӣ ва бо фанҳои навовариҳои электронӣ дар бонкҳо, инноватсия дар бонкҳо, хизматрасониҳои муосири бонкӣ алоқамандии бевосита дорад. Инчунин, ба банди 5.3-и (бозори молиявӣ) ва зербанди 3-и (васеъ намудани рӯйхати маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ, ки дорои хусусияти инноватсионӣ мебошанд) Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нигаронида шудааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар шароити таҳқиқоти диссертатсия муваффаққиятҳои унвонҷӯро ҳамчун натиҷа навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар бар мегиранд, ки ҳамаи онро ҳамчун фишурда ва давоми мантиқии матни

диссертатсия мукаммал дидан мумкин аст (саҳ 15-116). Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоснокkунии ҷанбаи назариявӣ ва методологии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Натиҷаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз навгонии илмӣ иборатанд, инҳо мебошанд:

- омӯзиши масъалаҳои асосии таҳаввулоти назарияи хизматрасониҳои бонкӣ, ки бо ташаккул ва рушди афкори олимону коршиносон дар заминаи таъсиси бозори хизматрасонии мукаммал, инчунин, дигаргуниҳои инноватсионии дар заминаи талаботи рӯзафзуни ҷомеа бавуҷудоянда таҳлил гардида, шарҳи худии мафҳуми амалиёт, хизматрасонӣ ва маҳсулоти бонкӣ пешниҳод карда шудаст, ки дар ин масъала муваффақиятҳои унвонҷӯро дар самти пажуҳишҳои илмӣ мушоҳида кардан мумкин аст; (саҳ 14-41)
- яке аз муваффақиятҳои дигари унвонҷӯ ин арзёбии замина ва марҳалаҳои рушди низоми бонкӣ дар замони соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти ташаккули дурусти заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва бо ин роҳ солимгардонии фазои низоми бонкӣ баррасӣ гардида, марҳалаҳои рушди он асоснок карда шудааст, ки ин дар диссертатсия муҳим ва зарурӣ мебошад; (саҳ 75)
- марҳалаҳои рушди низоми бонкӣ дар шароити номувозинатии иқтисодиёти дар ҳоли гузариш қарордошта ва тамоюли рушди бозори хизматрасониҳои низоми бонкӣ вобаста ба сатҳи талабот ва имкониятҳои мавҷудаи пешниҳоди хизматрасониҳои низоми бонкӣ таҳлил ва ошкор гардида, таҳлили вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон, ки арзёбии рушди дурусти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи соҳибистиқлолӣ инъикос менамояд, асоснок гардидааст;
- дар асоси таҳлили ҳамаҷониба механизмҳои имконпазири хизматрасонии қарзӣ бо дарназардошти талаботи замони муосир пешниҳод шудааст, ки новобаста аз шароитҳои воқеии тамоюлҳои иқтисодӣ сатҳи

пешниҳоди онҳо бо баҳисобгирии таъсири хавфҳо бехатар мебошад. Ҳамчунин, дар доираи амалиётҳои қарздиҳӣ тақвияти низоми қарздиҳӣ тавассути кортҳои пардохтӣ вобаста ба марҳалаҳои истифодаи самараноки қарзҳо, ки шакли воқеан самаранок мебошад, асоснок шудааст;

- вобаста ба ҳадафҳои илмию амалӣ самтҳои асосии такмили низоми ташкил ва танзими бозори хизматрасониҳои бонкӣ асоснок карда шудааст, ки дар он такмили механизмҳои имконпазир ва амиқ санҷидашудаи рушди низоми бонкӣ дар шароити муосир коркард шудааст. Ҳамчунин, дар сатҳи низоми бонкӣ ҷиҳати ба даст овардани эътимоди аҳолӣ вобаста ба тақсими ҳиссаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳодҳои илман асоснок манзур гардидааст. Ғайр аз ин, дар сатҳи низоми бонкӣ ба таври мутамарказ ҷорӣ намудани механизмҳои назоратии мушаххас мавриди баррасии амиқ қарор гирифта, таҳлили вазъи хизматрасонии қарзӣ арзёбӣ ва омилҳои асосии ба ин раванд мусоидаткунанда асоснок карда шудаанд;

- дар заминаи техникаву технологияҳои муосир ҷорӣ намудани намудҳои нави хизматрасонии фосилавии бонкӣ бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва виртуалӣ дарёфт гардида, хусусиятҳои хос ва истифодаи самараноки онҳо дар шароити тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ асоснок шудааст. Ҳамчунин, истифодаи имкониятҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси воситаҳои ҳозиразамони бонкӣ баррасӣ ва пешниҳод гардидаанд.

Илова бар навгониҳои илмии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардшуда мавқеи илмии унвонҷӯро дар сатҳи таҳқиқот нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар бар мегирад, ки дар он исботи натиҷаҳои амалии кори унвонҷӯ мебошад ва он баҳои воқеии кори ӯро дар бар мегирад, ки аз инҳо иборатанд: (саҳ 10).

- дар асоси таҳлилу муқоисаҳои илмӣ мафҳумҳои возеҳтари “амалиёти бонкӣ”, “хизматрасонии бонкӣ” ва “маҳсулоти бонкӣ” ба таври возеҳ пешниҳод шудаанд, ки чунин мафҳумҳо то имрӯз хусусият ва тафсирҳои гуногун доштанд ва ин муваффаққияти унвонҷӯро дар самти пажуҳиши илмӣ инъикос менамояд;

- марҳилабандии рушди амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хусусиятҳои хоси пешрафти низоми бонкӣ таҳлил ва нишондиҳандаҳои он асоснок гардидаанд;

- коркардҳои илман асосноки таҳаввулоти рушди низоми бонкӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ дар бозори бонкӣ таҳлилу баррасӣ ва ошкор карда шудаанд. Вобаста ба ин зарурати таҳлил ва баррасии ин таҳаввулот имконияти дигари масъалаи мазкур дар сатҳи таҳқиқоти илмӣ мебошад;

- механизмҳои имконпазири рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва омилҳое, ки боиси ба миён омадани навъҳои ҷадиди хизматрасониҳои бонкӣ мегарданд, арзёбӣ гардида, усулҳои самараноки бозори хизматрасониҳои бонкӣ асоснок карда шудаанд;

- танзими раванди идоракунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар доираи техникаву технологияҳои муосир бо дарназардошти таҳлили вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ арзёбӣ ва нишондиҳандаҳои асосии воситаҳои муосири хизматрасонии бонкӣ таҳлил гардидааст;

- барои беҳтар гардонидани фазои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти имкониятҳои мавҷудаи такмили он дар низоми бонкӣ пешниҳодҳо коркард шудаанд; бозори хизматрасонии қарзӣ, имконият ва иқтидорҳои мавҷудаи низоми бонкӣ дар ин самт арзёбӣ гардида, роҳҳои такмили механизмҳои бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дарёфти самтҳои афзалиятноки танзим ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир муайян гардидаанд.

Ҳамчунин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ эътимоднокии хулосаҳо бо натиҷаҳои амлӣ ва таҳлилҳои соҳавӣ асоснок гардида унвонҷӯ як қатор нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода шудаанд. Ҳамчунин, таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ бо сарчашмаҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шудааст.

**4. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои такризшавандаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар як қатор маҷалаҳои илмии тақризшванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқиии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқаррароти натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаву нашрияҳои мансуб ба нашрияҳои такризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан ҳаҷми корҳои илмии чопгардида вобаста ба мавзӯи диссертатсия 4,2 ҷ.ч-ро ташкил медиҳад, ки тибқи талаботҳои мавҷуда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар амиқ намудани методологияи иқтисодӣ-молиявӣ ва таҳлили бозори хизматрасониҳои бонкӣ, муайянсозии ҷанбаҳои назариявии ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ инъикос меёбад. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада доираи таҳқиқоти мавҷударо дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ намуда, метавонанд ба пояи низоми мӯътадили хизматрасониҳои муосир бо мақсади таъмини рушди самараноки бозори бонкӣ равона шаванд. Ҳамзамон бо ин гуфтан мукин аст, ки равишҳои амалӣ ва натиҷавии масъалаи мазкурро таҳлилҳои боби дуюм ва дурнамои рушди онро дар боби сеюм унвонҷӯ баён намудааст саҳ (58-91, 108-142).

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба такмли усулҳо ва муайяннамоии роҳҳои баландбардории самаранокии бозори хизматрасониҳои бонкӣ иборат аст.

Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф раванди истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзиро омӯхта, роҳҳои такмили бозори хизматрасониҳои бонкӣ коркард ва самтҳои

афзалиятноки онро дар кишвар таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

6. **Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шуд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулоса, 1 расм, 16 ҷадвал, 9 диаграмма, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 133 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 164 саҳифа таҳия шудааст.

7. **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқарраротӣ низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида муқаддима, мубраммии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин, як қатор меъёрҳои дигари диссертатсия низ, ки онҳо аз: ҳаҷми диссертатсия, ҷадвалу диаграммаҳо, ададбиёти истифодашуда ва монанди инҳо аз тарафи унвонҷӯ ҳангоми таҳияи диссертатсия риоя гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаҳои муваффаққиятомези унвонҷӯро, ки он аз ду қисмати асосӣ иборат мебошад, ба таври комил дар анҷоми диссертатсия дидан мумкин аст (саҳ 145-151).

8. **Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Новобаста аз муваффаққияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо арзиши баланди

таҳқиқотро коста наменамоянд. Ҳамзамон, бо ин ислоҳи норасоӣ ва камбудиҳои мазкур моҳияти амалию методологии диссертатсияро беҳтар менамуданд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла, дар муқаддимаи диссертатсия баъзе масъалаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда номукаммал пешниҳод шудаанд;

2. Беҳтар мегардид, агар дар боби якуми диссертатсия вобаста ба параграфҳои алоҳида унвонҷӯ хулосаи мушаххас мебаровард;

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ маълумотҳои таҳлилшаванда як давраи муайянро дар бар намегирад. Хуб мешуд, агар муаллиф ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳои бозори хизматрасониҳои бонкӣ як давраи муайянро ба назар мегирифт;

4. Дар диссертатсия аҳёнан хатогиҳои грамматикӣ ва стилистикӣ ба назар мерасад, ки аксари онҳо хуссуияти техникӣ доранд.

**9. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.**

Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Дембегиев Мисрали Сафармадович дар мавзӯи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Иловатан гуфтан зарур аст, ки диссертатсияи таҳқиқгардидаи Дембегиев Мисрали Сафармадович ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи номзадӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протокол №8 аз 30.03. 2023).

**Раиси ҷаласа:**

**Мудири кафедраи фаъолияти бонкии**

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати**

**Тоҷикистон, н.и.и., и.в., дотсент** **Ҳалимов Л.М.**

**Эксперт:**

**н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии**

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати**

**Тоҷикистон, н.и.и., дотсент** **Муртазоев О.Қ.**

**Котиби ҷаласа:**

**муаллими калон** **Одинаев Ҳ.С.**

**Имзои Ҳалимов Л.М., Муртазоев О.Қ. ва Одинаев Ҳ.С.-ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо**

**ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**


734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2.

www: www.tguk.tj Email: mail@ddtt.tj; tguk@mail.ru

Телефон: +992(37) 234-83-46 +992(37) 234-85-46